# ҶАНБАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Муаллиф: Абдуллоев М.- Сармутахассиси Раёсати рушди минтақаҳо ва мониторинги барномаҳои миллии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Санаи нашр: Декабри соли 2013



Ҳолати занон нисбати мардон боз ҳам мураккабтар мегардад. Занон, асосан дар деҳот ба корҳои каммузд, аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ, маориф ва тандурустӣ машғуланд. Масалан, дар соҳаҳои мазкур ҳамагӣ 85.5% занон кор мекунанд, ки қисми асоси онҳо - 75,1% дар кишоварзӣ машғуланд. Дар навбати худ, бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ, сатҳи баланди бекорӣ дар байни мардон, ки ба паст шудани сатҳи зиндагӣ дар мамлакат оварда расонд, фаъолияти занонро дар соҳаи шуғл ҳавасманд намуд. Занон вазифаи қаблан ба онҳо хоснабуда хӯронандаи оиларо ба зимма гирифтанд, ки ин ба фаъолнокии онҳо оварда мерасонад. Дар сохтори қувваи кории кироя, инчунин занони дар соҳаи дар соҳаи соҳибкорӣ фаъолияткунанда шумораи занон зиёд мегардад.

**Диаграммаи 1**. Шумораи рӯйхатии коркунони соҳаи кишоварзӣ, ҳамагӣ ҳаз. нафар[1]




[1] Манбаъ - http://www.stat.tj/ru/gender/gender-docs/

Аз рӯи маълумоти Агентии омор (ниг. Диаграммаи 1) шумораи рӯйхатии занони дар соли 2012 коркунанда нисбати нишондиҳандаи соли 2009 19,6%, соли 2009 16,5% зиёд шудааст.

Мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ангезандаи асосии фаъолияти меҳнатии занон мебошад. Мутобиқан шумораи занони дар соҳаи кишоварзӣ дар давраи соҳои 2009-2012 бақайдгирифташударо ба таъсироти бӯҳрони ҷаҳонии соли 2009, ки дар натиҷаи он афзоиши нархҳои маводи хӯрока ва дигар молҳои стратегӣ мушоҳида гардид, мансуб донистан мумкин аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар доираи рушди шуғли занон дар кишоварзӣ дар давраи баррасишаванда кам шудани шумораи мардони дар соҳаи мазкур коркунанда, бинобар паст будани музди меҳнати онҳо дар ин соҳа ва интиқоли мардон ба фаъолияти меҳнатии нисбатан даромаднок, дар ҷустуҷӯи кори мувофиқ ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо мушоҳида мегардад.

Меҳнати занон имрӯз қувваи кории арзон мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо онҳо на ҳама вақт мефаҳманд, ки ҳамчун аъзои хоҷагӣ соҳиби моликият ва узви соҳибҳуқуқи хоҷагии деҳқонӣ мебошанд. Занони деҳот ба бозори фурӯши маҳсулоти парваришнамудаашон ниёз доранд. Бо сабаби он ки занон барои фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардаашон вақту имконият надоранд, бинобар ҳамин маҳсулоти истеҳсолшуда аксар ба дасти воситачиёни бевиҷдони бозор меафтад.

Дар доираи ислоҳотҳо, ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва таъмин намудани ҳуқуку имкониятҳои баробар ҳам барои мардон ва ҳам барои занон заминаҳои ҳуқуқии мусоид фароҳам овард, ки ин ба таҳкими ҳуқуқ ва дастрасии занон ба омилҳои истеҳсолот, пеш аз ҳама замин, таъсири калон расонд. Дар натиҷаи ислоҳотҳои дар соҳаи кишоварзӣ гузаронидашуда бисёр шаклхои коллективии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба хоҷагиҳои хурдтари

инфиродӣ ва оилавӣ табдил дода шуданд. Мутаносибан раванди мазкур ба баланд бардоштани сатҳи соҳибкории занон ва аз ҷумла зиёд намудани шумораи хоҷагиҳои деҳқонии сардорашон занон оварда расонид. **Диаграммаи №2**




Чӣ тавре ки маълумотҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, шумораи хоҷагиҳои деҳқонии сарварашон занон дар соли 2012 7,8% шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқониро ташкил дод, ки ин назар ба нишондиҳандаи соли 2008 1.5 маротиба зиёд аст. Ба он нигоҳ накарда, дар соли 2012 нисбати соли 2011 паст гардидани соҳибкории занон дар сатҳи 0,9% фоиз мушоҳида шуд, ки ин ба равандҳои таваррумӣ вобастааст. (пастравии курси асъори миллӣ, баланд шудани нархҳои маводи сӯхт ва равғанҳои молиданӣ, маводи ғизоӣ, нуриҳои маъданӣ, заҳрхимикатҳо ва маводи стратегии дигар).

Дар солҳои охир аз шумораи умумии ХД дар мамлакат ба қайдгирифташуда мутобиқи омори расмӣ пастравии куллии хоҷагиҳои деҳқонии сарварашон занон мушоҳида мешавад (ниг. ба расми 3), табиист, ки ин ба зиёдшавии шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ бо сардории мардон таъсир расонд. Нишондиҳандаи мазкур дар бораи пастравии воқеии фаъолнокии занон дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Дар солҳои охир занон ба фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла ба соҳаи растанипарварӣ, бинобар заҳматталаб будан ва даромади паст доштани он камтар таваҷҷӯҳ намудаанд. Занони соҳибкор, ки фаъолияти худро дар соҳаи кишоварзӣ кам намудаанд, аксар вақт ба кор ба намудҳои дигари фаъолият, аз қабили соҳаи савдо ва хизматрасонӣ мегузаранд.

**Диаграммаи 3.**




Вале аз рӯи маълумоти омори расмӣ ҳиссаи иштироки занони соҳибкор дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои охир зиёд мешавад, ин аз ҳисоби баланд шудани ҳосилнокии навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст. Мутобиқи маълумоти дар ҷадвали поён овардашуда баррасӣ намудан мумкин аст, ки дар

солҳои охир истеҳсоли ғалла, картошка, сабзавот, зироатҳои полезӣ, меваҳо ва ангур хеле зиёд шуда истодааст, ки дар таъмини амнияти озуқавории миллии саҳми махсус мегузорад.

**Ҷадвали 1.Истеҳсоли маҳсулот ва ҳосилнокии зироатҳо дар хоҷагиҳои деҳқонии сарварашон занонбуда дар солҳои 2008-2012**

*(тонна, сентнер аз 1 га)*

| **Номгӯи маҳсулот** | **Солҳо** | | | | | *с. 2012 бо % ба с. 2008* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | |
| **Ғалладона:** -истеҳсолот | 31183 | 65152 | 57196 | 36647 | 31396 | 107,0 |
| -*ҳосилнокӣ* | 21,2 | 25,5 | 24,4 | 23,6 | 24,7 | 116,5 |
| **Гандум:** - истеҳсолот | 26245 | 55929 | 41325 | 31395 | 26057 | 99,3 |
| - *ҳосилнокӣ* | 18,3 | 26,5 | 24,9 | 24,8 | 28,1 | 153,6 |
| **Пахта:** - истеҳсолот | 23088 | 24840 | 23774 | 20958 | 17800 | 77,1 |
| - *ҳосилнокӣ* | 16,9 | 18,4 | 19,8 | 20,0 | 22,0 | 130,2 |
| **Катошка:** - истеҳсолот | 6322 | 5905 | 3081 | 8339 | 8381 | 132,6 |
| - *ҳосилнокӣ* | 212,0 | 154,0 | 179,2 | 187,8 | 204,4 | 96,4 |
| **Сабзавот:** - истеҳсолот | 12865 | 20855 | 13768 | 22119 | 22115 | 171,9 |
| - *ҳосилнокӣ* | 167,0 | 184,0 | 177,0 | 177,4 | 192,4 | 115,2 |
| **Меваҳо:** - истеҳсолот | 2655 | 2416 | 8646 | 3378 | 3292 | 124,0 |
| - *ҳосилнокӣ* | 18,8 | 12,5 | 7,7 | 11,3 | 28,5 | 151,6 |
| **Ангур:** - истеҳсолот | 2910 | 2662 | 3562 | 2334 | 3441 | 118,2 |
| - *ҳосилнокӣ* | 28,2 | 27,4 | 10,7 | 25,7 | 38,6 | 136,9 |

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, бо истиснои пахта ва ғалла дар соли 2012 назар ба соли 2008 аз 15.2 то 32.6 банди фоизӣ афзудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки занон дар рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла дар рушди соҳаи кишоварзӣ саҳми арзанда гузошта, иқтидори бузург доранд.

Ҳаминро ба назар гирифта, Ҳукумати Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон корҳои миқёсан бузургро анҷом медиҳад.

"Дар мамлакат маблағгузории давлатӣ барои додани қарзҳои хурди бефоиз ба соҳибкорзанон таъмин карда мешавад, ҳамчунин шабакаи ташкилотҳои қарздиҳии хурд барои ба занон ва аҳли оилаҳои онҳо ҷудо намудани қарзҳо ташкил карда шудааст".

Маълумотҳои омор нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2006-2012 ҳаҷми қарзҳои ба занони соҳибкор додашуда сол то сол зиёд мешавад. Масалан, дар соли 2012 ҳаҷми қарзҳои додашуда назар ба соли 2006 ба маблағи 544,4 млн. сомонӣ зиёд шуд. Дар давоми 6 моҳи соли 2013 вазни қиёсии қарзҳои ба занони соҳибкор додашуда назар ба ҳамин давраи соли гузашта 93,9% ё ки 264,1 млн. сомонӣ афзуд. Инчунин дар давоми 5 соли охир аз буҷети давлатӣ ба 97 ташкилоти ҷамъиятӣ ва 170 занони соҳибкор 5 миллиону 300 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд. Ғайр аз ин, дар лоиҳаҳои кӯмаки беруна барои дастгирии занони деҳот, ҳамчунин ташкили марказҳои кӯмакрасонӣ, омӯзиши соҳибкорӣ ва расонидани кӯмаки таъҷилӣ ба хоҷагиҳои сарварашон занон воситаҳо ҷудо карда мешаванд. Айни замон дар мамлакат зиёда аз 300 лоиҳаҳо ва барномаҳои омӯзишии занон оид ба бизнеси хурду миёна, зиёда аз 200 ташкилотҳои ҷомеаи шахрвандӣ дар соҳаи соҳибкории занон амал мекунанд. Дар ҷумҳурӣ шумораи занони дар соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ фаъолияткунанда ба бештар аз 160 ҳазор нафар расид.

Ба ин нигоҳ накарда, имрӯз барои дастгирии соҳибкории занон дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки як қатор проблемаҳои ба омилҳои зерин вобаста, аз ҷумла ҳолати бади ирригатсионӣ ва обёрии заминҳо, дараҷаи пасти огоҳии хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба масъалаҳои маданияти истифодабарии замин, агротехника, фоизҳои баланд барои хизматрасонии молиявию кредитӣ, нокифоягии қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат, базаи сусти моддию техникӣ, нокифоягии техника ва мошинҳои кишоварзӣ, қимат будани сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо, рушд наёфтани таъминоти маводи тухмии хушсифат ва зотҳои мувофиқшудаи чорво умуман ба ҳолати ҳозираи хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷумҳурӣ характернок мебошанд

Ҳалли масъалаҳои зикршуда дарояндаи наздик бояд ба самти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ табдил ёбад. Масъалаҳои соҳибкории занон бояд дар коркарди барномаҳо ва сиёсатҳои стратегӣ дар сатҳи миллӣ инъикос ёбанд ва бо захираҳо таъмин карда шаванд. Ба мақомоти масъул зарур аст, ки мониторинги татбиқи стратегияҳои зикршударо таъмин карда, қарорҳои дахлдори идоравӣ қабул намояд. Ин имкониятҳои занон ва нақши фаъоли онҳоро дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат хеле таквият ва тавсиа мебахшад ва дараҷаи рушди соҳибкориро дар деҳот хеле баланд мебардорад.